Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, бинои таълимии 8, синф. 102), E-mail: shuro004@mail.ru

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ пешкаш карда мешавад.**

Дар шароити муосир пешрафти илмӣ-техникӣ яке аз омилҳои рушди иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, аз дараҷаи он сатҳи зиндагии аҳолӣ ва дигар нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ низ вобаста мебошад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт, барои роҳ ёфтан ба бозори ҷаҳонӣ, сатҳи рақобатпазирии молу маҳсулот пешрафти илмӣ-техникӣ ва истифодаи навоварӣ ҳамчун омили аввалиндараҷа арзёбӣ гардидааст. Дар чунин шароити рақобат, пешрафти илмӣ-техникӣ метавонад барои бартараф кардани муаммоҳои кунунии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи ҷорӣ намудани дастовардҳои илмӣ-техникӣ мусоидат намояд. Зеро ҷорӣ намудани навоварӣ сатҳи рушди иқтисодии кишварро, махсусан дар шароити низоми муосири иқтисодӣ муайян мекунад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар ҳамаи давру замон давлат дар рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ нақши муассир дошта метавонад. Аз инҷост, ки пешрафти илмӣ-техникӣ низ яке аз унсурҳои таркибии фаъолияти давлат ба ҳисоб меравад. Пешрафти илмию техникӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди кишвар бояд таъмин гардида, ҳавасмандии субъектҳои иқтисодиро бештар намояд.

Дар авторерферати диссертатсия муаллиф ақидаҳои Адам Смит, Дэвид Рикардо, Карл Маркс, намояндагони мактаби неоклассикӣ, Й. Шумпетер, мактаби иқтисодии институтсионалӣ ва назарияи дигар олимони ватанию хориҷиро мавриди таҳлил қарор додааст. Ба андешаи муаллиф, пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити муосир ҳамчун яке аз омилҳои асосии рушди босуръати иқтисодӣ шинохта мешавад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардида, аз ҷониби Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳия ва татбиқи навовариҳо ва истифодаи натиҷаҳои илмию техникӣ дар истеҳсолот ҳамчун омили баланд бардоштани фаъолияти истеҳсолӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқот ба истифодаи мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва шаҳрӣ дар раванди таҳияи стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, муайян кардани самтҳои рушди илмӣ-техникӣ нигаронидашуда, истифода шуда метавонанд.

Муаллиф дар автореферати диссертатсия ҷабҳаҳои гуногуни пешрафти илмӣ-техникиро таҳлил намуда, як қатор пешниҳодҳои муфидро дар ин самт манзур намудааст. Дар баробари ин, автореферати диссертатсия аз баъзе норасогиҳо ва камбудиҳо орӣ нест. Дар миёни онҳо, метавон ба норасогиҳо ва камбудиҳои зерин ишора намуд:

1. Дар ҷадвали 2.2.1 муаллиф теъдоди муассисаҳою ташкилотҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки корҳои илмӣ-техникиро иҷро менамоянд таҳлил намудааст, вале самара ва нақши онҳо дар пешрафти илмӣ-техникӣ оварда нашудааст;
2. Маълумотҳои оморие дар ҷадвалҳо овардашуда барои арзёбии пешрафти илмӣ-техникӣ хеле аҳамиятнок мебошанд. Аммо хуб мебуд агар муаллиф маълумотҳои навро таҳлил намуда, хулосабарорӣ менамуд.

Дар умум эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ дошта, сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро коҳиш намедиҳад. Инчунин, бояд қайд кард, ки диссертатсияи иҷронамудаи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло таҳқиқоти комил ва ба итмомрасида ба ҳисоб меравад.

Дар маҷмуъ аз таҳлилу баррасии афтореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ, қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст.

Бинобар ин, Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси 6D050601 – Назарияи иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**д.и.и., профессор мудири кафедраи**
**соҳибкорӣ ва иқтисодиёти соҳавии ДБССТ** ______ **Одиназода К.С.**

**Имзои К.С. Одиназода-ро тасдиқ менамоям:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДБССТ** **Ҷӯраев Ш.Н**

**«__» _____2026 сол.**